USAID | TAJIKISTAN
FROM THE AMERICAN PEOPLE

# SUCCESS STORY

## КУМАКИ USAID БАРОИ БОВАРӢ БА ОЯНДА



Дар акс: Гургалиев Мурод (муштарии барномаи START Plus)




Дар акс: Гургалиев Мурод (Plus) ва Алимова Курбонгул (корманди иҷтимоии USAID)

7,786 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон дар зиндонҳои Русия қарор доранд.[1] Гургалиев Мурод як сокини вилояти Хатлон мебошанд, ки бо амри тақдир дар яке аз колонияҳои Русия маҳбас шуда буд. Мурод дар боздоштгоҳ низ истеъмоли моводи мухаддирро идома медод. Пас аз озод шудан Мурод бо умеду орзуҳои сершумор ба зодгоҳаш – Тоҷикистон баргашт, аммо он ҷо ӯро мушкилот ва проблемаҳои зиёде интизор буд. Хешовандон бо Мурод муошират кардан намехостанд. Ӯ на ҷойи истиқомати доимӣ, на ҷойи кор, на оила ва на фарзанд дошт. Мурод ноумед шуд. Боре, ҳангоми хариди вояи навбатии моводи мухаддир Мурод дар бораи ташкилоте шунид, ки ба собиқ маҳкумшудагон кумак мерасонад. Мурод қарор кард, то барои кӯмак муроҷиат кунад.

Бо дастгирии кормандони лоиҳаи HIV React, ки аз ҷониби USAID дар Тоҷикистон маблағузорӣ мегардад, Мурод санҷишҳои тиббиро ройгон гузашта, ба гирифтани хизматрасонии барномаи табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон бо метадон оғоз кард. Бо кумаки ҳуқуқшиноси лоиҳа, Мурод тавонист шиносномаашро ҳамчун шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барқарор намояд. Вақте хешовандони Мурод, ки пештар нисбати ӯ беэътиноӣ нишон медоданд, тағйироти мусбатро дар ҳаёти ӯ мушоҳида карда, бо ӯ робитаро барқарор намуданд. Мурод ба оила баргашт.

*«Баъди бозгашт аз Русия, ман бовар надоштам, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ карда метавонам. Дар оила маро қабул* муштарии барномаи START*накарданд, ҳатто бо ман муошират намекарданд. Дар ин ҷо касе маро интизор набуд ва ман ба касе лозим набудам. Бо шарофати лоиҳаи USAID ва кормандони он, ман соҳиби дӯстони нав шудам, ки ҳамеша омодаанд ба ман дасти ёрӣ дароз кунанд. Ман ба мавҷудияти некӣ ва меҳрубонӣ бори дигар бовар кардам. Бо шарофати онҳо, ман аз нав соҳиби оила шудам"* – мегӯяд Мурод.

Танҳо дар давоми моҳи сентябри соли 2014 ва 31 марти соли соли 2016 бо дастгирии лоиҳаи HIV React, ки аз ҷониби USAID маблағгузорӣ мешавад, 36 нафар собиқ маҳкумшуда аз вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мутобиқшавии иҷтимоӣ дар давраи баъд аз озод шудан кумак гирифтанд. 2 нафар маҳкумшудагони гирифтори ВНМО кумаки тиббӣ гирифта, баъд аз озод шудан низ табобати худро идома доданд. Бо дастгирии USAID сад фисади маҳкумшудагони озодшуда дар ин минтақа дастгирии иттилоотӣ ва машварати ихтиёрӣ мегиранд, ичунин аз санҷиши ВНМО ройгон гузашта, дар ҳолати зарурӣ дар давраи баъд аз озодӣ кӯмаки иҷтимоӣ мегиранд.

[1] http://nm.tj/society/28640-7-786-tadzhikov-v-tyurmah-rossii.html